## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Ибодова Саёҳат Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асарҳои илмӣ ва бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310–Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Забоншиносии муқоисавӣ, ки ба таҳқиқи системавии забонҳо ба мақсади ошкор намудани хусусиятҳои хос ва умумии онҳо машғул аст, таърихи дерин дорад. Мутафаккирони барҷастаи тоҷик ҳанӯз дар ибтидои асрҳои миёна зимни нишон додани хусусиятҳои хоси забони форсии дарӣ (тоҷикӣ) умумият ва тафовути онро бо забони арабӣ аз тариқи муқоиса муайян кардаанд. Яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муқоисавӣ таҳқиқи муқоисавии низоми сарфии забонҳо ба шумор меравад. Азбаски феълҳо ва хусусиятҳои маъноӣ ва категорияҳои онҳо дар низоми сарфии забон ҷойгоҳи хоса дорад, бинобар ин, аз қадим то кунун мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст.

Ба ин маънӣ, диссертатсияи Ибодова Саёҳат Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асарҳои илмӣ ва бадеӣ)» натиҷаи арзишмандест, ки аз пойгоҳи нави таҳқиқ ва навгонию такопӯйи фарохи илмӣ вижагиҳои хоси шаклҳои тасрифнашавандаи феълро дар адабиёти илмию бадеӣ равшан месозад ва нуктаҳои муҳимеро дар пажӯҳиши ин матолиб баён менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар забоншиносии тоҷик асарҳои илмии зиёде оид ба муқоисаи феъл бо дигар забонҳо ба чашм мерасанд. Кори диссертатсионии мазкур ба таҳқиқи мушаххаси шаклҳои тасрифнашавандаи феъл: масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол дар забони тоҷикӣ ва муқоисаи онҳо бо забони англисӣ бахшида шудааст. Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл мавзуи доманадорест. Ин мавзуъ аз мавзуъҳои мубрами таҳқиқоти забоншиносӣ эътироф гардидааст.

Аҳаммияти омузиши мавзуи таҳқиқот, ҳамзамон, дар он зоҳир мегардад, ки шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар низоми феълии ҳар як забон нақши хосса дошта, бо бисёр хусусиятҳои худ, аз ҷумла, корбурд доштан дар сохтори наҳвии забон аз шаклҳои тасрифии феълҳо тафовут пайдо карда, баъзе хусусиятҳои ҳиссаҳои номии нутқро соҳиб мегарданд. Дар айни ҳол шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар таркиби воҳидҳои наҳвӣ дар ҳар як забон дорои вижагиҳои хосе мебошанд, ки зимни тарҷума мушкилоти зиёдеро ба миён меоранд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Ибодова Саёҳат Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асарҳои илмӣ ва бадеӣ)» дар ҳақиқат муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна соли 2016 зинаи бакалаври факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, соли 2018 занаи магистратураи муассисаи мазкурро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забони англисӣ хатм намудааст. Ӯ соли 2021 ба зинаи докторантураи (PhD)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2024 хатм кардааст.

Ибодова Сайёҳат Маҳмадуллоевна аз соли 2019 то соли 2023 ба ҳайси ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва аз моҳи сентябри соли 2023 то ин ҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи филологияи англисии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода кор карда истодааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, 15 фаслу зерфасл ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии

илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Боби аввали диссертатсия “Асосҳои назариявии таҳқиқи шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст. Дар он баррасии мавқеи феъл дар низоми ҳиссаҳои нутқи забонҳои мавриди назар, ҷойгоҳи феъл дар низоми ҳиссаҳои нутқ аз нигоҳи илмӣ таҳлил карда шудааст.

Боби дуюми диссертатсия “Хусусиятҳои сохторӣ-семантикии масдар ва мавқеи он дар забонҳои муқоисашаванда” ном дорад ва аз 4 зербоб таркиб ёфтааст, ки дар он дар бораи хусусиятҳои масдар ва вазифаҳои наҳвии он сухан меравад.

Боби сеюми диссертатсия “Таҳлили муқосавии хусусиятҳои сифати феълӣ ва феъли ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” номгузорӣ шудааст, ки аз 3 зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур оид ба сифати феълӣ, феъли ҳол ва хусусиятҳои семантикию грамматикии онҳо сухан меравад.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант мушаххасан банд ба банд ҷамъбаст шудааст ва мазмуни ягонаи силсилавии корро инъикос мекунанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Ҳамин тариқ, диссертант кӯшидааст он мақсад ва вазифаҳое, ки дар пажӯҳиши мавзуи мавриди назар гузоштааст, иҷро намояд ва муваффақ ҳам шудааст.

Хулоса, диссертатсияи Ибодова Саёҳат Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар

асоси асарҳои илмӣ ва бадеӣ)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забонҳои типологӣ ва муқобилавӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон Ҷамшедов Парвонахон

“2” март соли 2026

**Суроға:** 745025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Шотемур, 57, хонаи 54
Тел.: (+992) 919-00-20-53
E-mail: pjam07@mail.ru

Имзои П. Ҷамшедовро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кардҳо ва корҳои махсуси
АМИТ Акбарзода Толиб

**Суроғаи муассиса:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел: (+992) 227-92-84
E-mail: info@anrt.tj
Сомона: www.amit.tj

“2” 03 соли 2026